# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «07» 01 соли 2026 № 07/бу ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI форсу тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Саидиброҳимов Ш. О. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмӣ Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Саидиброимов Ш. О. аз 07 январи соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХАБА АСЛАШ БАРОБАР АСТ